Вазорати рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПРЕСС- РЕЛИЗ

оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти вазорат дар нимсолаи якуми соли 2025

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 тамоюлҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла таъсири таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, канда шудани занҷираҳои истеҳсолу интиқоли маҳсулот, баҳсу низоҳо вобаста ба ҷорӣ намудани боҷҳои гумрукӣ байни давлатҳо, тағйирёбии нархҳои молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, бахусус нархи маҳсулоти нафтӣ ва ниёзи аввал, инчунин пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва шиддат гирифтани муносибатҳо байни кишварҳо дар Ховари Миёна идома ёфт.

Новобаста аз таъсири омилҳои берунаи қайдгардида дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби вазорату идораҳо дар самтҳои таъмини суръати рушди иқтисодии кишвар, истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда, ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва фаъол гардонидани иқтидорҳои амалкунанда, инчунин ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Аз ҷумла бо мақсади амалисозии бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва татбиқи лоиҳаҳои соҳаҳои афзалиятнок аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд дар ҳаҷми умумии 213 млн. доллар, бахусус бо корбарии Вазорати рушди иқтисод ва савдо 73 млн. доллар маблағҳои грантию қарзҳои имтиёзнок ҷалб карда шуд.

Ҳамин тариқ дар нимсолаи якуми соли 2025 дар маҷмӯъ устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 70,8 млрд. сомонӣ ва суръати рушди воқеии он 8,1 фоизро ташкил дод. Мавриди қайд аст, ки ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат дар моҳҳои январ-июни солҳои 2021-2025 нисбат ба ҳамин давраи солҳои 2016-2020 2,9 баробар афзоиш ёфтааст.



Дар моҳҳои январ-июни панҷ соли охир новобаста аз таъсири ду буҳрони шадиди глобалӣ ва омилҳои берунӣ суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 8,1 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраҳои 5 соли қаблӣ (2016-2020) 1,9 банди фоизӣ баланд аст.



Суръати рушди иқтисоди миллӣ дар нимсолаи якуми соли 2025 асосан аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 24 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 14,6 фоиз, хизматрасонии пулакӣ 12,8 фоиз, кишоварзӣ 9,7 фоиз, боркашонӣ 9,3 фоиз, гардиши савдо 9 фоиз ва мусофиркашонӣ 5,8 фоиз таъмин гардид.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025-ум таваррум 1,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ паст мебошад. Дар ин давра таваррум асосан аз ҳисоби болоравии нархҳои маҳсулоти озуқа 2,9 фоиз ва арзиши тарофаҳои хизматрасонӣ 3,4 фоиз ташаккул ёфтааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2025 дар соҳаи саноат ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва таъмини талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ як қатор тадбирҳо амалӣ гардиданд.

Дар ин давра дар кишвар 218 корхонаи нави саноатӣ бо 3429 ҷойҳои нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, ки дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 29617 млн. сомонӣ ва суръати рушди воқеии он 24 фоизро ташкил дод.

Рушди соҳаи саноат аз ҳисоби 1,7 маротиба афзудани саноати истихроҷ, 5 фоиз саноати коркард, 13,2 фоиз соҳаи таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 15,9 фоиз соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа таъмин гардидааст.

Истеҳсоли неруи барқ дар нимсолаи якуми соли 2025 11812,4 млн. кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 1445,5 млн. кВт. соат ё 13,9 фоиз зиёд таъмин гардидааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, вусъати кишту кор ва истифодаи самараноки заминҳо дар соҳаи кишоварзӣ як силсила тадбирҳои дахлдор амалӣ гардиданд.

Дар нимсолаи якуми соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 23853,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 9,7 фоиз зиёд шудааст, аз ҷумла растанипарварӣ 9 фоиз ва чорвопарварӣ 11,2 фоиз.

Маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1-уми апрели соли 2025 аз 82 адад (55 лоиҳаи грантӣ, 5 лоиҳаи қарзӣ ва 22 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии онҳо 45,3 млрд. сомонӣ (4598,1 миллион доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 дар кишвар тавассути ҳама намуди нақлиёт 66,7 млн. тонна бор кашонида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 9,3 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра тавассути нақлиёти автомобилӣ 63 млн. тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 9,2 фоиз зиёд шудааст. Бо нақлиёти роҳи оҳан 3,6 млн. тонна ва нақлиёти ҳавоӣ 0,1 млн. тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 12,4 фоиз ва 5,5 фоиз зиёд мебошад. Ҳамзамон дар нимсолаи якуми соли 2025 бо ҳама намуди нақлиёт 511,1 млн. нафар мусофир кашонида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 5,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 ҳаҷми умумии гардиши савдо 33313,7 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии гардиши савдо 8,1 фоизро савдои чакана, таъмири автомобилҳо ва мотосиклҳо ташкил намудааст. Таъмини суръати рушди савдои чакана асосан аз ҳисоби фурӯши автомобилҳо 20,9 фоиз, фурӯши чорво 18,9 фоиз, фурӯши сӯзишворӣ 12 фоиз, бозорҳои ашёи омехта ва озуқаворӣ 2,4 фоиз ба миён омадааст.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2025 13508,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Аз ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ 70,7 фоиз ё ба маблағи 9555,9 млн. сомонӣ ба аҳолии кишвар расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 7,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва содагардонии расмиёти савдо дар нимсолаи якуми соли 2025 корҳои амалӣ идома ёфт.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2025 гардиши савдои хориҷӣ 4731,1 млн. долларро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 7,2 фоиз ё 316,9 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра содирот ба 955,3 млн. доллар баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 4,3 фоиз ё 42,5 млн. доллар коҳиш ёфтааст, ки омили асосии он кам шудани содироти металлҳои қиматбаҳо ба маблағи 297,7 млн. доллар ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ нишондиҳандаи содирот бе назардошти металлҳои қиматбаҳо ба 953,1 млн. доллар баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 36,6 фоиз ё 255,2 млн. доллар зиёд шудааст.

Сохтори содиротро дар ин давра асосан дигар металлҳои нимқиматбаҳо (сурма) 30 фоиз, маъданҳо 26,5 фоиз, алюминийи аввалия ва маҳсулот аз он 13,8 фоиз, нахи пахта ва қувваи барқ 5,7 фоизӣ, маҳсулоти кишоварзӣ 3,4 фоиз, мис ва маҳсулот аз он 2,6 фоиз, либосҳои гуногун ва бофташуда 2,2 фоиз, ангишт ва семент 1 фоизӣ ташкил медиҳанд.

Воридоти мол бошад дар моҳҳои январ-июни соли 2025-ум 3775,8 млн. доллярро ташкил дода, нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 10,5 фоиз ё 359,4 млн. доллар зиёд гардидааст.

Дар сохтори воридот ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ барои истеъмол 8,3 фоиз ва барои коркард 9,7 фоиз, воситаҳои нақлиёти заминӣ 13 фоиз, маҳсулоти нафтӣ 11,7 фоиз, таҷҳизоти технологӣ 7,9 фоиз, металлҳои сиёҳ 7 фоиз, таҷҳизоти электрикӣ 6,3 фоиз, чӯбу тахта ва маҳсулот аз он 4,3 фоиз, гази моеъ 3,2 фоиз, маҳсулоти полимерӣ 3,1 фоиз, маҳсулоти кимиёи ғайриорганикӣ ва маҳсулот аз металлҳои сиёҳ 2,2 фоизӣ, гилхок 1,5 фоиз, нуриҳои минералӣ 0,8 фоиз, гази табиӣ 0,4 фоиз ва ғайраҳо ташкил медиҳанд.

Фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо

Фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо (минбаъд - вазорат) дар нимсолаи якуми соли 2025 ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд гардидаанд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2025, №71 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ва вазифаҳо барои соли 2025», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, №116 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ» ва дигар қарору супоришҳои Ҳукумати кишвар вобаста ба татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии қабулшуда, густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, таҳлили вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, дарёфти роҳҳои муосири пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна ва таъмини тамоюли мусбати рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда буд.

Вазорат дар ин давра бо мақсади таъмини рушди нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ таҳлилҳо гузаронида, ҳар моҳа гузоришҳо оид ба вазъи нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва ҳар ҳафта маълумотномаи таҳлилӣ доир ба рӯйдодҳои иқтисодии ҷаҳон, аз ҷумла вазъи бозорҳои ҷаҳонии молиявию ашёӣ ва раванди иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ омода ва ба Ҳукумати кишвар ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард.

Ҷиҳати коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ Нақшаи баргузории ҷаласаҳои Ситоди байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ барои соли 2025 тасдиқ гардид.

Дар ин давра дар масъалаи муайян кардани самтҳои асосии беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар ва роҳҳои ҷалби сармоя» мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз натиҷаи он қарорҳои дахлдор қабул гардид ва барои дастури минбаъда ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ирсол карда шуд ва тибқи супоришҳои дахлдори Ҳукумати кишвар ба вазорату идораҳо ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ пешниҳод шуд.

Дар ин давра вазорат 15 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод намуд, ки аз онҳо 7 лоиҳа қабул гардида, 2 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва 6 лоиҳа дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

Аз ҷулма лоиҳаҳои Барномаи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030, Нақшаи амали (барои солҳои 2026-2028) Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2026-2030 ва як қатор дигар ҳуҷҷатҳои муҳими стратегии кишвар таҳия гардиданд.

Инчунин вазорат лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026»-ро таҳия намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2025, №218 қабул гардид.

Бо мақсади иҷрои банди 3 Нақшаи амалисозии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №264 «Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» ва дар доираи муқаррароти «Дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025» лоиҳаҳои нақшаҳои қабул ба магистратура, аспирантура, докторантура (анъанавӣ) ва докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва академияҳои давлатии ҷумҳурӣ барои соли таҳсили 2025-2026-ро дар мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор таҳия карда истодааст.

Дар доираи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, дар нимсолаи якуми соли 2025 12 ҳуҷҷати банақшагирии стратегии сатҳи соҳавӣ баррасӣ гардида, аз натиҷаи иҷрои онҳо гузориши муфассал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Ҳамзамон аз ҷониби вазорат ҷаласаи Шӯро оид ба тавсеаи табақаи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 феврали соли 2025 баргузор гардид, ки дар он аз ҷониби аъзои Шӯро «Методологияи муайян намудани табақаи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид.

Дар ин давра вазорат лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»-ро тибқи пешниҳод ва хулосаи вазорату идораҳо такмил дод, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, (аз 28.02.2025, №101), бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2025, №75 тасдиқ гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ вазорат вобаста ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар мамлакат як қатор корҳоро ба анҷом расонид. Аз ҷумла масъалаи рақамигардонии хизматрасониҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавассути лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби фаъолияти намояндагони мақомоти давлатӣ дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ тибқи принсипи «Равзанаи ягона», баргузор намудани ҷаласаи навбатии Шурои нозирон оид ба масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, омода намудани гузориш оид ба рафти иҷрои нақшаҳои кории минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд», «Данғара», «Панҷ», «Кӯлоб» ва «Ишкошим» дар моҳҳои январ-июни соли 2025, ташкили «Сафари матбуотӣ» аз 19 то 28 майи соли 2025 ба МОИ, таҳияи онлайн каталоги маҳсулоти истеҳсолшавандаи МОИ (catalog.fez.tj) ва ғайраро ба анҷом расонид.

Дар давраи ҳисоботӣ вазорат дар самти ҳамкориҳои дуҷониба бо мамлакатҳои хориҷаи дуру наздик ва ташкилотҳои байналмилалӣ як қатор корҳои назаррасро роҳандозӣ намуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2025 Комиссияҳои муштараки байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Кувайт, Узбекистон, Арманистон ва Ҷопон баргузор гардид, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техникиро дар бар гирифта, дар рафти ҷаласа тарафҳо аҳамияти таҳкими равобити иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, дарёфти роҳҳои рушди минбаъда, инчунин таъмини мизони васеътари ҳамкориҳоро ҷиҳати ноил шудан ба манфиатҳои умумии ҳарду кишвар дар соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ, аз қабили савдо ва саноат, сармоягузорӣ, гумрук, сохтмон, барқу энергияҳои барқароршаванда, нафту газ, кишоварзӣ, тандурустӣ, дорусозӣ, таҳсилоти олӣ ва тадқиқотҳои илмӣ, авиатсияи гражданӣ, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш таъкид намуданд. Аз натиҷаи ҷаласаи Комиссия Протокол ба имзо расида, Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба иҷрои муқаррароти он таҳия гардид.

Ҳамзамон аз ҷониби роҳбарияти вазорат дар давраи ҳисоботӣ бо ҳайати Бонки Исломии Рушд, Раиси Утоқи бозаргонӣ, саноат, маъдан ва кишоварзии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Бонки олмонии рушд (KfW), Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари дафтари Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид, Директори генералии Фонди кувейтии рушди иқтисодиёти араб, Президенти авиатсияи граждании Кувейт, Вазири тиҷорат ва саноати Кувейт, Роҳбари намояндагии Бонки Осиёии Рушд, Сафири Британияи Кабир, Сафири фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Сафири фавқулодда ва Мухтори Малайзия, Директори Агентии ҳамкории байналмилалии Корея (KOICA), Сафири фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Федеративии Демократии Эфиопия, Дабири кулли Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, нахустин Саммити сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ-Иттиҳоди Аврупо, нахустин Форуми вазирони иқтисоди СҲИ оид ба рушди устувор, ҷаласаи вазирони Қолаби «Осиёи Марказӣ – Чин», Конфронси ҳифзи пиряхҳо, ҷаласаи Шурои сарони ҳукуматҳои ИДМ, Саммити дуюми сарони кишварҳои «Осиёи Марказӣ-Чин», «ЭКСПО 2025» ва Рӯзи миллӣ дар Ҷопон вохӯриҳо баргузор гардида, масъалаҳои вобаста ба рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2025 ба вазорат 8120 адад мактуб, аз ҷумла 2317 адад аз Ҳукумати ҷумҳурӣ, 4645 адад аз вазорату идораҳо, 411 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, 136 адад аз муассисаҳои зертобеъ, 164 адад аз кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, 127 адад ҳуҷҷати махфӣ, 20 адад аризаву муроҷиати шаҳрвандон ва 300 адад тариқи факс аз мақомоти давлатӣ ворид гардиданд.

Бо назардошти талаботи мактубҳои воридшуда аз ҷониби вазорат 3516 адад мактуби ҷавобӣ ва таклифу пешниҳодҳо ба Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо ирсол карда шуд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 35 фармоиши вазорат оид ба фаъолияти асосӣ, аз ҷумла 5 фармоиши назоратӣ таҳия гардид, ки рафти иҷрои онҳо таҳти назорати доимии роҳбарияти вазорат қарор доранд.

Бо мақсади муаррифии дастовардҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дастрас гардидани ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ба ҷомеа дар сомонаи вазорат навсозии маълумот мунтазам амалӣ гардида, дар нимсолаи якуми соли 2025 ба он 63 хабар, бахусус вобаста ба вохӯриҳо ва сафарҳои дохилию хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин 77 мулоқоти роҳбарияти вазорат бо намояндагони созмонҳои байналмилалии иқтисодию молиявӣ, сафирони кишварҳои хориҷӣ ва дигар чорабиниҳои вазорат ҷойгир карда шуданд.

Дар ин давра ба 20 муроҷиати намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ вобаста ба гирифтани маълумот доир ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҷониби мутасаддиён дар муҳлатҳои муайяншуда ҷавоб гардонида шуд.

Вазорат ҷиҳати иҷрои дастури супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар доираи вазифаҳои низомномавии худ минбаъд низ тадбирҳои зарурӣ андешида, натиҷаашро тибқи тартиби муқарраргардида дар сомонаи вазорат ва расонаҳои чопию интернетӣ нашр мерасонад.

Рақам барои тамос:221-62-08;
www.medt.tj; info@medt.tj.
Барои қайд: